**Тақризи роҳбари илмӣ,**

доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри ХХ (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷик, ба вижа дар шеъри солҳои 60-70-и асри ХХ, ки метавон ин давраро замони авҷи раванди таҳаввули шеър аз назари ҳунарӣ арзёбӣ кард, вижагиҳои худро дорост. Ба маънии ҷусторҳои ҳунарӣ хеле аз вижагиҳои шеъри тоҷикро ҳам аз назари зоҳирӣ ва ҳам аз назари моҳият метавон ба тариқи ҷудогона таҳқиқ кард, ки дар ниҳоят масъалаи зебоишиносӣ ва тасвирҳои ҳунарӣ, халлоқият дар сохтор ва дарунмояи шеър дар адабиёти тоҷик як раванди ҷолиби диққат дар самти назарраси эҷоди бадеист. Маҳз барои ҳамин мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри ХХ (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)", дар нудрати таҳқиқи масъалаи ҷусторҳои ҳунарӣ ва таҳаввулли сохториву созмонии анвои мухталифи шеър дар эҷодиёти шоирони муосир ва дар заминаи он ашъори Ғоиб Сафарзода дида шуда ва бо ҳамин васила мақоми Ғоиб афарзода дар адабиёти муосир муайян карда мешавад. Ҳамзамон ҷусторҳои ҳунарӣ ва қолабшиканӣ дар сохтори шеъри суннатӣ ва талоши шоирона баён кардани андеша, суд ҷустан аз муҳимтарин вижагиҳои мавзуъҳои иҷтимоӣ, вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар ашъор ва осори публитсистии адиб, инъикоси воқеаҳои таърихӣ ва ғайра асолат ва мубрамияти пажӯҳиши мазкурро тақвият додааст.

Аз ин лиҳоз таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқиони соҳа дар як рада қарор гирифта ҳусни таваҷҷуҳ ва эътирофи халлоқияти ҳунари адибро собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, доир ба масъалаи ҷусторҳои ҳунарӣ дар осори Ғоиб Сафарзода, бавижа таҳаввули сохторӣ ва навоварӣ дар суннат дар шеъри адиб ҳанӯз ҳам пажуҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарии эҷодиёти шоирро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Ғоиб Сафарзодаро дар раванди таҳаввули шеъри солҳои мавриди назар аз лиҳози шоиронагӣ ва навовариҳои ҳунарӣ дар анвои суннатӣ ва ҳамчунон аз назари сабку салиқаи эҷодӣ муайян менамояд ва хусусиятҳои вижаи шеъри ӯро ба қадри тавон нишон медиҳад. Барои ба ин ҳадаф расидан кӯшиш шудааст, ки заминаҳо ва марҳилаҳои фароҳам омадани диди шоиронаи адибро маълум намуда, ин масъаларо алоқаманд бо раванди таҳаввули шеър дар солҳои мавриди назар бидонад ва нақши тарҷумаи бадеӣ, маҳфилҳои адабӣ, касби рӯзноманигорӣ, руҷуъ ба осори таърихӣ ва шеъри суннатӣ, ҳуввиятхоҳӣ ва амсоли инро дар ташаккули консепсияи диди зебоишиносии он нишон диҳад. Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ мушаххас намудани таҳаввули шеър аз назари сохтор ва навоварӣ дар суннат ва муайян намудани нақши анвои суннатӣ дар зуҳури анвои нави шеър ва густариши мавзуъҳои таърихиву иҷтимоӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии шоирони солҳои мавриди назар аст, ки дар заминаи он осори Ғоиб Сафарзода мавриди пажуҳиши амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин замина унвонҷӯй мавзуъҳои меҳварӣ ва таҳаввули сохториву ҳунарии шеъри солҳои 60-70-ро ҳамчун мақулаи ибрати ташаккул ва падидоварандаи таҳаввули шеър арзёбӣ карда, ҷойгоҳи арзишҳои адабӣ ва ҳунарии шеъри муосирро дар дар консепсияи идроки бадеии шоир муайян намудааст.

Унвонҷӯй Ҳамзаев М.Қ. дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, нахустин маротиба заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани тасвирҳои бадеӣ ва диди шоиронаи Ғоиб Сафарзодаро роҷеъ ба офаридани ороякои ҳунарӣ дар шеър муайян кардааст.

Ин пажӯҳиш дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кӯшиши таҳқиқи шеър аз назари нав, дар мисоли бозёфтҳои ҳунарӣ ва тасвирҳои шоиронаи Ғоиб Сафарзода, маҳсуб мешавад. Муаллиф, ҳамчунин таҳаввули шеъри муосирро, ки бештар ба жанрҳои адабӣ марбут аст, дар мисоли ашъори шоирони пешкисвати солҳои 60-70-ум ва қабл аз он таҳлилу баррасӣ намуда, арузи нав ва корбасти он дар шеъри тоҷикро таҳқиқ мекунад. Аз пажӯҳиши осори Ғоиб Сафарзода ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳарчанд ӯ тамоми умр ба рӯзноманигорӣ иртибот доштааст, аз мавзуъҳои вобаста ба ҳаёти иҷтимоию фарҳангии замони худ барои тақвияти мазмунофаринӣ дар шеър суд ҷустааст. Маҳз ҳамин самти фаъолияти ӯ боис ба он шудааст, ки шеъри шоир бо ҷомеа, сиёсат, фарҳанг пайваст гардад ва бо тасвирҳои воқеъбинонаи баргирифта аз ҳаёту зиндагии воқеии мардум эҷод шавад. Комёбии Ғоиб Сафарзода аз назари пажӯҳишгари ҷавон дар тасвири бадеӣ, махсусан тасвири воқеъгароёна, дар он зоҳир шудааст, ки шоир мавзуи ба тасвир кашидаи худро, пеш аз ҳама, бо диди ҳунарӣ матраҳ мекунад. Яъне шоир бо кор гирифтан аз ҳама навъи шеърӣ, сарфи назар аз ин ки дар мавзуи мавриди назар руҳи публитсистӣ ва сиёсию иҷтимоӣ мушоҳида мегардад, ҳар мавзуи асари худро шоирона, яъне бо истифода аз санъатҳои фаровони бадеӣ тасвир менамояд. Ҳамчунон ки ба назар расид, ин хусусият дар шеърҳои шиоргунаи шоир ҳам бармало мушоҳида мегардад. Шоир ба ҳама гуна мавзуъи мавриди назар, хоҳ сиёсӣ, хоҳ иҷтимоӣ ва хоҳ лирикӣ бо нигоҳи шоирона назар афканадаст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Ҳамзаев М.Қ. дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар таҳқиқи адабиёти муосир ба таври густурда истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад.

Ҷанбаи татбикӣ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари шоирии ғоиб Сафарзода ва муаррифии коргоҳи эҷодии ӯ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хидмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти шеъри нав ва таҳаввули сохториву ҳунарии он дар адабиёти муосир ва махсусан дар омӯзиши эҷодиёти адибони муосир мавриди васеи истифода қарор гирад.

Масъалаҳо ва конскепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он дида мешавад, ки заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар эҷодиёти шоир роҷеъ ба ороя̄ҳои шоирона ва навоварӣ дар суннат аз вижагиҳои ҷолиби диққат ва қобили таҳқиқу омӯзиш муаррифӣ мешавад ва дар ин замина накши тарҷумаи бадеӣ, нақди адабӣ ва раванди таҳаввули сохтории шеър дар заминаи шеъри нави руссу Аврупо ва Эрон дар ташаккули консепсияи диди эстетикии Ғоиб Сафарзода махсусияти назррас касб кардааст. Натиҷаи таҳқиқот ба он овардааст, ки зинаҳо ва хусусиятҳои шеъри шоир аз нигоҳи вусъат ва амиқият, фарогирӣ ва гуногунрангӣ нотакрор ва арзишманду ҷолиб ба назар мерасад. Бо ҳамин тартиб ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри Ғоиб Сафарзода ва раванди таҳаввули ҳунариву сохтории шеъри ӯ, ки метавонанд мақоми ӯро дар адабиёти солҳои мавриди назар таъйид намоянд, ҳамчун мақулаи аслии таҳқиқ ва падидаи ҳунарӣ ва шоиронаи адиб ба таври барҷаста ва ҷаззобу муассир ироа карда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландаровичро дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри

XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй дониста, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ, академики АМИТ** **Имомзода М.С.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Фирдавсӣ, 54.
Телефон: (+992) 935806444
E-mail: ramzes22_84@mail.ru

«02» майи соли 2024.

Имзои Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалиро тасдиқ мекунам:
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«03» майи соли 2024.